# ҶАҲИШЕ БУЗУРГ ДАР СОҲАИ МАОРИФ

***Нуралиев Абдубосит Фазлиддинович,*** *сармутахассиси таҳриру тарҳрезии корҳои табъу нашри Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

*E-mail: safi-2003@mail.ru*

Дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, бахусус дар соҳаи маориф, навгонию дигаргуниҳои назаррас рух доданд. Таъсиси Маркази миллии тестӣ, бе шак, аз ҷумлаи муҳимтарину намоёнтарин дастовардҳо дар бахши маорифи мамлакат ба ҳисоб меравад. Онро метавон ҷаҳише бузург дар соҳаи маориф шуморид. Муассисаи давлатии "Маркази миллии тестӣ" маҳз бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 114 аз 5-уми марти соли 2008) ба фаъолият оғоз кард.

Тибқи ин қарор бояд ниҳоде ташкил мегардид, ки он дар заминаи низоми миллии тестӣ қудрати роҳандозӣ намудани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ тибқи талаботи замон ва бо корбурди техникаву технологияи навтарин дошта, ин низомро ҳамчун абзори пурарзишу муътамади миллии арзёбии донишу маҳорати довталабон дар соҳаи маориф ва яке аз нишондиҳандаҳои дастовардҳои инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши мазкур ҷорӣ бигардонад. Ин низом мебоист принсипҳои адолат, шаффофӣ, баробарҳуқуқиро дар меҳвари фаъолияти худ қарор дода, зуҳуроти коррупсиониро дар бахши имтиҳонҳои қабул ба мактабҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ аз байн мебурд. Дар бораи низоми номбурда сухан гуфта, мебояд таъкид кард, ки дар он тест алҳол ҳамчун абзори ягонаю асосӣ ва беҳтарину боэътимодтарин арзёбии донишу маҳорати довталабон ҳисобида мешавад (ба шарти риояи талаботу қоидаҳои муқарраркардаи назарияи тестшиносӣ). Аз ин рӯ, минбаъд низ "тест бояд ҳамчун афзори ниҳоят судманду хеле муътамад барои корбурд дар низоми умумии маориф бо мақсади арзёбии ҳам дастовардҳои таълимии гурӯҳи муайяни таълимгирандагон ва ҳам сифати таълим дар муассисаҳои таълимии муайян ба эътибор гирифта шавад" [1. С. 14]. Зимнан бояд ин нуктаро таъкид кард, ки тест як равиши арзёбӣ (андозагирӣ, ченкунӣ, санҷиш)-и дониш, маҳорат, малака ва тасаввурот аст ва, чунонки имрӯз баъзе ноогаҳон барғалат чунин мепиндоранду бар низоми тестии имтиҳонҳо эрод ҳам мегиранд, вазифаи ҳеҷ яке аз равишҳои дигари арзёбии дониш,

аз ҷумла имтиҳони хаттӣ, ташаккул ва рушди дониш нест (ҳарчанд ки барои ин низ ғайримустақим мусоидат мекунад), балки вазифаи асосии он назорат ва санҷидани сатҳи дониш, маҳорат, малака ва тасаввуроти ташаккулёфта ё парваришёфта аст.

Бо дарназардошти аҳаммияти баланд доштани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (ИМД) бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми феврали соли 2014, № 138 муассисаи мазкур тобеияти идориашро дигар кард ва дар заминаи он Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Низоми ИМД, ки Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Марказ) роҳандозӣ кардааст, нисбат ба низоми кӯҳнаи имтиҳонҳои қабул ба мактабҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ тафовути зиёд дорад, дақиқтар бигӯем, ба истиснои баъзе умумиятҳои ҷузъӣ, ин низом куллан нав аст. Фарқи ин низом аз низоми собиқи имтиҳонсупорӣ аз ҳар лиҳоз дар бартару беҳтар ва замонавӣ будани он аст. Волоияту бартарии худро низоми номбурда нисбат ба низоми пешинаи имтиҳонсупорӣ ба мактабҳои миёнаю олии касбӣ дар чанд сол барои ҳамаи аҳли ҷомеа собит сохт. Месазад, чанде аз вижагиҳои онро барои алоқамандони ин низом ёдовар шавем.

Комёбиҳои Марказ дар фаъолияташ хеле зиёд аст. Аз байн бурдани зуҳуроти коррупсионӣ – тақаллубкорӣ, беадолатию нобаробарӣ, воситакобию ришвахорӣ ва зуҳуроти дигари номатлубу мушкилотеро, ки зимни қабул ба мактабҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ҷой дошт, аз ҷумлаи корҳои намоёнтарини анҷомдодаи Марказ аст. Марказ бо роҳандозии ИМД усул (принсип)-ҳои адолат ва шаффофиятро таъмин кард. Довталабон минбаъд тавассути ин низом танҳо дар асоси донишу маҳорат ва лаёқати худ ба номи донишҷӯӣ сазовор мегардиданд. Имтиҳонҳо ва натиҷаҳои бадастовардаи хоҳишмандони қабул ба коллеҷу донишгоҳу донишкадаҳо одилонаю воқеӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор мегирад, ки дар низоми кӯҳна то ин ҳад набуд, яъне шаффофияту адолатро дар баҳогузорӣ ба донишу маҳорати онҳо касе кафолат намедод, натиҷаи имтиҳонҳо холисонаю воқеӣ мавриди арзёбӣ қарор намегирифт, низом ҷавобгӯйи талаботи замон набуд ва ҳамаи ин аксаран боиси норозигии довталабон ва наздикони онҳо мешуд.

Дар ИМД – низоми кунунии имтиҳонҳо равандҳои коркард (санҷиш)-и маводди имтиҳон бо барномаҳои махсуси компютерӣ ба таври худкор ва бе таъсири омилҳои инсонӣ амалӣ мегардад. Маводди имтиҳон, аз ҷумла протоколҳои рафти имтиҳонҳо ва варақаҳои ҷавобҳои довталабон, раванди эътиборсанҷӣ (валидатсия) ва бозбинӣ

(верификатсия)-ро тай мекунад. Бақайдгирии маводди имтиҳон (протоколҳои рафти имтиҳонҳо ва варақаҳои ҷавобҳои довталабон) бо истифода аз модули барномавии “Эътиборсанҷии маводди имтиҳонӣ” роҳандозӣ мегардад, ки он ҳамчун барномаи корбарии “мизоҷ-серверӣ” таҳия шудааст.

Бо мақсади коркарди саривақтии маводди имтиҳон дар марҳалаи нусхабардории оптикии варақаҳои ҷавобҳои довталабон намогир (сканер)-ҳои баландсуръат ва ҳамчун таъминоти барномавӣ низоми универсалии коркарди муттасили додаҳои ABBYY FlexiCapture 12 ба кор бурда мешавад. Ҳамаи ин омили аз байн бурдани дахолати инсонӣ ба раванд ва натиҷаи имтиҳонҳо ва таъмини адолату шаффофият, бехатарию махфияти иттилоот дар он бо тамоми ҷузъиёташ мегардад.

Марказ барои иштироки довталабон дар ИМД номнависии онҳо ва ташкилу баргузории ин имтиҳонҳоро низ тавассути технологияи навтарини муосир ба роҳ мемонад, ки ин усули шаффофият ва адолатро таъмин карда, ҳамчунин тақаллубкориро аз байн мебарад. Зимни бақайдгирӣ ва ҳам имтиҳонсупорӣ шинохти ҳар як довталаб тавассути намогир (сканер)-ҳои изи ангушт амалӣ мегардад. Чунин равиши кор аз тақаллубкорӣ – ба ҷои довталаб имтиҳон супоридани каси дигар пешгирӣ мекунад.

Озмуни тақсимоти довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобкардаашон дар асоси натиҷаи имтиҳонҳояшон низ ба таври худкор бо истифода аз барномаи компютерии махсус, бе таъсири омили инсонӣ анҷом дода мешавад. Ҳар шахси солимақл возеҳ дарк мекунад, ки анҷом додани чунин тақсимот (масалан, дар ИМД-2019 беш аз 103 000 довталаб ва бештар аз 30 000 довталаб танҳо дар як гурӯҳи ихтисосҳо) ба таври дастӣ берун аз тавони инсонист.

Барои шаффоф ташкил ва баргузор кардани имтиҳонҳо ҳамчунин дар марказҳои имтиҳон аз ҷумлаи фаъолони шаҳру ноҳияҳо комиссияҳои ҷамъиятӣ ташкил карда мешавад, ки онҳо тибқи тартиби муқарраргардида раванди баргузории имтиҳонҳоро назорат мекунанд.

Инчунин корбурди равиши муътамади тестсозӣ ва омилҳои дигари зикршуда, дар воқеъ, боис гардид, ки шаффофияти имтиҳонот комилан таъмин гардад. Нисбат ба солҳои пеш ба маротиб кам гардидани шумораи аризаҳои эътирозӣ (апеллятсионӣ)-и пешниҳодшуда аз ҷониби довталабон худ як далели муътамад ва нишондиҳандаи шаффофии фаъолияти Маркази миллии тестӣ аст. Инро Сарвари давлат ҳам хеле нозукбинона дар суханрониаш бахшида ба Рӯзи дониш соли 2015 қайд карда буд: “Имсол аз ҷамъи умумии довталабон ҳамагӣ 66 нафар аризаи шикоятӣ навиштаанд, ки аз ин ҳисоб 44 нафар бо сабабҳои техникӣ иштибоҳ кардаанд. Ҳол он ки солҳои пеш аз ҷоришавии низоми тестӣ аз

нисф зиёди довталабон аз натиҷаи имтиҳонҳои дохилшавӣ шикоят мекарданд” [5]. Шумораи довталабони дар ИМД-2018 аризаи эътирозӣ пешниҳодкарда ҳамагӣ 7 нафар буд, ки ин аз шумораи умумии имтиҳонсупоридагон (89353 нафар) ҳатто 0,01 %-ро ҳам ташкил намедиҳад. Зимнан бояд гуфт, ки дар низоми ИМД ба довталаб ҳуқуқ дода мешавад ки дар 2 маврид аризаи эътирозӣ пешниҳод намояд, агар:

1) тартиби баргузории имтиҳонҳо дар маркази имтиҳонӣ риоя нагардад;

2) довталаб аз натиҷаи имтиҳонҳо, яъне холҳои дар имтиҳонҳо ба ӯ гузошташуда норозӣ бошад [6, 7].

**Аз соли аввали роҳандозии ИМД то кунун дар бораи риоя нагардидани тартиби баргузории имтиҳонҳо дар маркази имтиҳонӣ ягон аризаи асосноке аз ҷониби довталабон пешниҳод нашудааст.** Ин худ як гувоҳи барҷастаи риояи тартиби муқарраршудаи баргузории имтиҳонҳо ва таъмини шаффофият дар низоми ин имтиҳонҳо аст.

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷорӣ кардани ИМД барои ҳаддалимкон ба таҳсил фаро гирифтани тамоми хоҳишмандони таҳсил дар донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳои кишвар беҳтарин шароитро муҳайё сохт. Нахустин коре, ки ниҳоди мазкур бо ин мақсад ба анҷом расонид, таъмини бақайдгирии довталабон ва ҳам баргузор кардани имтиҳонҳо дар шаҳру ноҳияҳои ба макони зисти довталабон наздик буд. Низоми миллии имтиҳонҳои дохилшавӣ шароит ба вуҷуд овард, ки дар кишвар даври солонаи имтиҳонҳои мазкур тамоми соли таҳсили хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар соли 2019, инчунин умумии асосӣ (синфҳои 9-ум)-ро низ) ва таҳсилоти миёна ва ибтидоии касбиро фаро гирад. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, қабл аз роҳандозии низоми ИМД довталабон ва наздиконашон аз дуртарин гӯшаҳои мамлакат бо мушкилиҳои басо зиёд – бо сарфи вақту хароҷоти фаровон ба шаҳру ноҳияҳое, ки муассисаҳои таълимии интихобкардаашон дар он ҷой воқеъ буданд, ҳафтаҳо ва моҳҳо қабл аз фарорасии давраи бақайдгирӣ ва имтиҳонсупорӣ ҳозир шуда, барои кофтану ёфтани сарпаноҳи муваққатӣ ва маскан гирифтан дар он заҳмати зиёд мекашиданд.

Пас аз ҷорӣ шудани низоми мавриди назар дигар касе бо ин ва душвориҳои дигар рӯбарӯ нагашт, ташвишу ранҷу азобҳои хоҳишмандони таҳсил дар таълимгоҳҳои мазкур ва алоқамандони дигар дар заминаи замонию маконию иқтисодӣ хотима ёфт: акнун ба довталаб барои супоридани номнависию имтиҳонсупорӣ зарурати бевосита ба худи донишгоҳ ё донишкадаи интихобкардааш ҳозир шудан ва дар назди он муддати зиёд дар навбат истоданаш нест.

Низоми нави қабули донишҷӯён тавассути имтиҳонҳои марказонидашуда имкон медиҳад, ки кунун ҳар довталаб дар маҳалли зисти худ (ё ба он ҳарчи наздиктар) бо пардохти маблағи андак дар муҳлати муайян худро номнавис карда, дар он ҷо ё ҷойи дигар имтиҳон супорад, зеро Марказ бо мақсади дастрасии баробари хоҳишмандон ва осонтар кардани кори онҳо, озоду шаффоф ташкил ва баргузор намудани ҷараёни сабти номи довталабон ва имтиҳонҳо қариб дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар нуқтаҳои бақайдгирӣ ва марказҳои имтиҳонӣ ташкил кардааст. Марказ ба ҷуз марҳалаҳои асосии бақайдгирӣ, ҳамчунин барои онҳое, ки дар ин давра берун аз ҷумҳурӣ қарор доштанд ё бо сабабҳои узрнок дар ин давра худро номнавис карда натавонистаанд, давраҳои иловагии бақайдгириро роҳандозӣ мекунад, ки ин барои фарогирии куллии довталабон ба таҳсил шароити хубтару имкони бештарро фароҳам меоварад. Пеш аз ба фаъолият оғоз кардани Марказ вазъият барои довталабону ақрабояшон ногувору номусоид буд: довталабон танҳо дар ҳамон як муҳлати маҳдуди муқарраршуда худро сабти ном карда метавонистанду бас ва таъхиркардагонро дигар илоҷе набуд. Яъне, ин ки дар низоми пешин ҳам ҳуҷҷатсупорӣ ва ҳам имтиҳонот танҳо дар фасли тобистон воқеъ мегардид, барои довталабу пайвандонаш мушкил болои мушкил зам мекард ва омӯзгорону масъулони мактабҳои таҳсилоти миёна аз ин раванд дар канор монда, хатмкунандагони муассисаҳо дар интихоби касбу ихтисос ва донишгоҳ бештар такя ба падару модар ё дӯстон доштанд. Низоми ИМД имкон дод, ки марҳалаҳои асосии бақайдгирӣ на дар тобистон, балки барвақттар, чанд моҳ пеш аз имтиҳонҳо – дар баҳор сурат гирад ва дар натиҷа, робитаи хуби дуҷонибаи *Маркази миллии тестӣ – хатмкунанда – муассисаи таълимӣ – (омӯзгор) падару модар – Маркази миллии тестӣ* барқарор шавад ва ранҷу машаққати довталабону ақрабояшон аз лиҳози замону макон хотима ёбад.

Кори дигари Марказ тавассути роҳандозии низоми ИМД, ки ба довталабон сабукӣ овард, ин буд, ки ба онҳо дар интихоби ихтисосу муассисаҳои таълимӣ имконияти фаровонро дод: акнун довталабон ҳангоми сабти ном кардан ҳуқуқи то 12 (соли 2014 – то 10 ва танҳо аз донишкадаю донишгоҳҳо) комбинатсияи ихтисосҳоро (бо дарназардошти ихтисосҳо, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ, макони ҷойгиршавии онҳо, шаклу намуд ва забони таҳсил) дар доираи яке аз 5 гурӯҳи ихтисосҳо (аз 35 донишгоҳу донишкада (аз ҷумла, филиалҳои донишгоҳҳои Федератсияи Россия) ва 63 коллеҷ дар соли 2019) интихоб кардан доранд. Ин нисбат ба низоми пешина, ки дар он имкони довталаб хеле маҳдуд буд: бештар аз як муассисаи таълимӣ ва як ихтисосро интихоб карда наметавонист, барои хоҳишмандони

таҳсил дар мактабҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ имконоти басо зиёдро дод. Дар марҳилаи бақайдгирӣ ҳисоботи даврӣ – маълумот оид ба нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва шумораи довталабони ин ҷойҳоро интихобкарда (вобаста ба (1) шаҳру ноҳияҳо, (2) интихоби муассисаҳои таълимӣ, (3) интихоби ихтисосҳои муассисаҳои таълимӣ ва (4) дар муқоиса бо нақшаи қабули донишҷӯён), яъне дар бораи рафти бақайдгирии довталабон барои иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ дар сомонаи Марказ гузошта ва пайваста нав карда мешавад, ки довталабон зимни интихобҳояшон онро ба эътибор гирифта метавонанд (лек дар ҳоли ҳозир теъдоди довталабони ин маълумоти барояшон зарурро баназаргиранда нисбатан хеле кам аст).

Ба воситаи ИМД – низоми нави қабули донишҷӯёни ба коллеҷу донишкада ва донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, ки айни замон дар ҷумҳурӣ ҷорӣ аст, довталаб танҳо як намуди имтиҳон – тест месупорад. Дар низоми кӯҳнаи имтиҳонсупорӣ довталаб ҳангоми дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии олии кишвар 2 намуд (хаттӣ ва шифоҳӣ), баъзан 3 намуд имтиҳон (тест, хаттӣ ва шифоҳӣ) месупорид.

Тавре ки қайд гардид, Марказ, барои шахсони дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ азқайднагузашта марҳалаи иловагии бақайдгирӣ ташкил менамояд. Ба ғайр аз ин марҳалаҳо дар низоми ИМД марҳалаҳои асосӣ ва иловагии азнавбақайдгирии довталабони дар марҳалаи асосии бақайдгирӣ номнависшуда пешбинӣ гардидааст [6, 7]. Дар ин давраҳо довталаб ҳуқуқ дорад, ки маълумоти инфиродӣ (маълумоти вобаста ба шиноснома ва амсоли инҳо), забон ва макони имтиҳонсупорӣ ё интихобҳояшро (муассисаҳои таълимӣ, ихтисосҳо ва комбинатсияҳои онҳо) тағйир диҳад. Чунончи, соли гузашта аз 1-уми март то 15-уми апрел марҳалаи асосии бақайдгирӣ ва аз 12-уми июн то 30-юми июн марҳалаи иловагии бақайдгирӣ, дар нимаи дуюми моҳи апрел марҳалаи асосӣ ва аз 10-ум то 20-уми июн марҳалаи иловагии азнавбақайдгирӣ гузашта буд.

Зимнан босазост зикр кунем, ки ҳангоми бақайдгирӣ ба довталаб ҳуқуқ дода мешавад, ки ба ҷуз маҳалли бақайдгирӣ, забони хориҷӣ (ки аз он вобаста ба интихоби гурӯҳи ихтисосҳо имтиҳон месупорад), забон ва макони имтиҳонсупорӣ, макони фиристодани даъватномаро бо майлу хоҳиши худ интихоб намояд. Яъне, дар низоми ИМД довталаб дар интихоб озод аст ва завқу хоҳиши ӯ ҳамеша дар мадди назар гирифта мешавад.

Марказ барои ба довталабон шароити хубтареро фароҳам овардан ва такмили низоми ИМД мунтазам тадбирҳо андешида, ҳамасола дар низоми ИМД навгониҳо мекунад. Яке аз навгониҳои охирин ҷорӣ

гаштани хизматрасонӣ бо номи “Пешномнависӣ” дар ҳолати бархат (онлайн) [4] барои фароҳам овардани имконоти фарохтар ба довталабон ҳангоми бақайдгирӣ буд. Он барои маълумоти марбут ба номнависӣ заруриро (ному насаб, таърихи таваллуд, ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, ҷойи истиқомат, рақам(ҳо)и телефон барои алоқа, нишонии почтаи электронӣ, муассисаи таълимии дар он таҳсилкунанда (таҳсилкарда), комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда аз рӯйи бартарияшон, забон ва макони имтиҳонсупорӣ, макони фиристодани даъватнома ва ғайра) ҷиҳати иштироки довталаб дар ИМД қаблан омода карда, тавассути шабакаи Интернет пешакӣ номнавис кардани ӯ роҳандозӣ шудааст. Довталаб бо истифода аз ин хадамот маълумоти шахсӣ, муассисаҳои таълимию ихтисосҳо ва маълумоти дигари барои бақайдгирӣ заруриро омода мекунад, ки он дар додаҳои Марказ сабт мешавад ва довталаб баъдан ба яке аз нуқтаҳои бақайдгирӣ ҳозир шуда, танҳо бо пешниҳоди рақами инфиродӣ аз “Пешномнависӣ” худро расман ба қайд мегирад. Ин хизматрасонӣ ҳам вақти довталабонро сарфа мекунаду ҳам кори онҳоро осон. Шарти асосӣ барои дастрасӣ ба хизматрасонии “Пешномнависӣ” доштани почтаи электронист, ки он барои барқарор кардани рамзи кабинети инфиродии довталаб низ лозим аст.

Тавре ки ба довталабон барои бақайдгирӣ ва азнавбақайдгирияшон такроран имкониятҳо дода мешавад, Марказ инчунин ба довталабоне, ки дар даври асосии имтиҳонҳо иштирок карда наметавонанд, имкони дар имтиҳонҳои иловагӣ иштирок карданро фароҳам меоварад [6, 7]. Ба онҳое низ, ки дар вақти супоридани имтиҳон бемор мешаванд ё бинобар ҳолатҳои аз довталаб новобаста имтиҳонро ба итмом расонида наметавонанд, ҳуқуқи ширкат кардан дар имтиҳонҳои иловагӣ дода мешавад. Гузашта аз ин, баъд аз баргузории озмуни тақсимоти асосии донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаву олии касбӣ ба довталабони дар озмуни мазкур комёбнашуда дар асоси натиҷаи имтиҳонҳояшон озмуни тақсимоти такрорӣ баргузор карда мешавад. Чунин донишҷӯён барои иштирокашон дар озмуни такрорӣ худро сабти ном карда, боз то 12 комбинатсияи ихтисосҳоро аз ҷойҳои тибқи нақшаи қабул холимонда интихоб карда метавонанд. Ин усули кор имкон медиҳад, ки ҳам нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ то андозае таъмин бигардад ва ҳам довталабон мувофиқи донишу маҳораташон ҷойҳои муносибро дар донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳо соҳиб бишаванд.

Марказ бо истифода аз имконоти техникиву технологии замонавӣ ҳама гуна маълумоти марбут ба довталабонро бо риояи принсипи махфият ба онҳо дастрас мегардонад. Дар кабинети инфиродии [2] ҳар як довталаб тамоми маълумоти шахсии ба номнависию имтиҳонот дахлдори ӯ гузошта мешавад ва ӯ метавонад ҳар гоҳе, ки хоҳад, ба он

ворид шуда, бо ин маълумот шинос гардад. Довталаб аз кабинети инфиродияш, ки ба он танҳо худи ӯ дастрасӣ дорад, метавонад варақаи бақайдгирӣ ва даъватномаашро чоп карда гирад ё бо маълумоти дигар шинос шавад.

Маркази миллии тестӣ ба орзумандони курсии донишҷӯйӣ дар доираи тавону имконаш барои ба имтиҳонҳои дохилшавӣ омода гаштанашон мусоидат мекунад. Ҳар сол дар сомонаи расмии худ маҷмӯаи саволу масъалаҳоро бо ин мақсад мегузорад ва ҳар хоҳишманд имкони корбурди ройгони онро дорад. Қисме аз тестҳои ИМД ҳар сол аз ҳамин маҷмӯаи саволу масъалаҳо гирифта мешавад. Тестҳои ИМД-2018 қариб то 30 дарсад аз ин маҷмӯа гирифта шуда буд ва ҳиссаи саволу масъалаҳои аз ин маҷмӯаҳо дар ИМД такроршаванда сол то сол афзоиш меёбад. Дар ИМД-2019 ин ҳисса то 40 % расонида шуд. Маҷмӯаи мазкур ҳамчунин дар шакли чопӣ ба мактабҳои ҳамагонии таҳсилоти миёнаю умумӣ ҳадя карда мешавад.

Дар сомонаи Марказ инчунин хидматгузорӣ – онлайн-тест бо номи “Худро бисанҷ” [9] ба роҳ монда шудааст. Он дар ҳолати бархат (онлайн) ба алоқамандон дастрас буда, ба воситаи он метавон дараҷаи донишу малакаи худро санҷид, бо намунаи саволу масъалаҳои барои ИМД пешбинишуда, бар замми ин, бо тарзи иҷрои тестҳои имтиҳон шинос шуд. Вижагии хидматрасонии мазкур ин аст, ки дар он мазмуну мундариҷаи саволу масъалаҳои тест, шумора ва пайдарпайии ҷойгиршавии онҳо вобаста аз навъашон дар саволномаи тест ва меъёри холгузорӣ ба ҳолати воқеии ИМД шабоҳат дорад. Пойгоҳи саволу масъалаҳои тести дар хизматрасонии “Худро бисанҷ” истифодашаванда пайваста аз ҳисоби саволномаҳои тести ИМД-и солҳои пешина навсозӣ ва пурра мегардад. Бо корбурди хадамоти номбурда довталабон ва хоҳишмандони дигар имкон пайдо мекунанд, ки худро дар доираи имтиҳони қисми А (имтиҳони умумӣ) ё қисми Б (имтиҳони ихтисос) бисанҷанд. Дар ин хидматгузорӣ ба довталаб дар бораи натиҷаи кораш, яъне холҳои бадастовардааш маълумот фавран пешниҳод мегардад: дар рӯйхати саволу масъалаҳои дар тест ба ӯ пешниҳодгардида ҷавобҳои интихобкардаи довталаб ва ҷавоби дуруст (калид)-и он ҷой дода мешавад. Ин ба ҳар шахс барои ба воситаи худсанҷӣ бо ғалатҳои роҳдодааш шинос гардидан ва минбаъд аз пайи омӯзиши амиқтари мавзӯъҳои дахлдор шудан имкон фароҳам меоварад. Вале, мутаассифона, аксари довталабон аз хидматгузориҳои “Худро бисанҷ”, “Пешномнависӣ”, аз сомонаи Марказ, умуман, аз имкониятҳои муҳайёкардаи Марказ, ки омили омодагии бештари онҳо ба имтиҳонот ва ба хатоҳои камтар роҳ доданашон ҳангоми бақайдгирӣ ва имтиҳон мешавад, истифода намекунанд.

Ин гуна шароити созгорро фароҳам овардани Марказ, мутамарказ будани низоми миллии имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар Тоҷикистон, ки яке аз бартариҳои умдаи он ба ҳисоб меравад, боиси рафъи душворӣ ва садду монеаҳои марбута ва омили фарогирии куллии хоҳишмандони таҳсилоти касбӣ дар макотиби миёнаву олӣ ва бахусус духтарон, гардид (дар солҳои фаъолияти низоми куҳнаи имтиҳонҳои дохилшавӣ бо сабаби дур аз макони зист будани муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаву олии касбӣ падару модарон на ҳамеша ба духтарон – хатмкунандагоне, ки аксаран дониши хуб ҳам доштанд, иҷозат медоданд, ки дар имтиҳонҳои дохилшавӣ иштирок намоянд). Яъне, Марказ дастрасии баробари шаҳрвандонро ба таҳсилоти миёнаю олии касбӣ таъмин гардонид.

Марказ барои таъмини махфияти маводди имтиҳонӣ ва додаҳои довталабон низ чораҳои зарурирo андешидааст. Махфияти маълумоти шахсии довталаб дар ҳама марҳилаҳои ИМД комилан риоя мегардад. Ҳамчунин, маводди имтиҳон – саволу масъалаҳои тестӣ, варақаи ҷавобҳо (пуркардааш) – аз таҳия то нашру интиқол ва коркард – куллан махфӣ нигоҳ дошта шуда, мудом ва мунтазам барои ин кор ҳамаи тадбирҳо андешида мешавад.

Маркази миллии тестӣ ба мувофиқати саволномаҳои тестӣ ва талаботи корҳои хаттӣ ба барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] кафолат медиҳад: ягон саволу масъалаи тестии дар имтиҳонот истифодашаванда берун аз барномаю нақшаҳои таълимӣ ва Стандарти номбурда нест. Ҳарчанд ки саволу масъалаҳо дар ИМД аз ҳамаи субтестҳо хеле содаю осонанд ва дараҷаи душворияшон паст аст, нишондиҳандаи натиҷаи имтиҳонҳо қаноатбахш нест. Барои беҳтар шудани дониши довталабон ва сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ дараҷаи душворию мураккабии ин саволу масъалаҳо ҳамасола андаке боло бардошта мешавад. Дараҷаи мураккабию душвории саволу масъалаҳо аз рӯи нишондоди оморӣ муайян мегардад, яъне вобаста ба он ки чӣ миқдоре аз довталабон ба тестҳо посухи дуруст додаанд, ҳамасола дар асоси натиҷаи ИМД дараҷаи дониши довталабон санҷида ва тибқи он таҳлили оморӣ карда мешавад.

Ба раванди таҳияи маводди имтиҳон мутахассисони баландихтисосу пуртаҷриба, моҳиру озмудашуда ҷалб мегарданд. Ҳар як саволу масъалаи тестӣ аз назари муҳаррирон ва муқarrизони мустақили берунӣ, ки аз ҷумлаи омӯзгорони ботаҷриба, мутахассисон ва донишмандони соҳаи маориф баргузида мешаванд, мегузарад.

Тибқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи маводди имтиҳонӣ, тарроҳӣ, нигоҳдорӣ, истифода ва таъмини махфият ва бехатарии он бевосита ба зиммаи Марказ гузошта шудааст, ки мутобиқи ин тартиб ва талаботи ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи дохилии он амалӣ мешавад. Раванди таҳияи саволу масъалаҳои тест – ҳамчун абзори боэътимоди санҷиши дастовардҳои таълимии хонандагон – мураккабу бисёрзина буда, риояи тартиб, шарту талаботи зиёдро тақозо дорад, ки таҳияи матритса (қолаб)-и тест ва дар асоси он навиштани саволу масъалаҳо, озмоиш (апробатсия) ва таҳлили натиҷаҳо, муайян кардани боэътимодии тест, дараҷаи душвории саволу масъалаҳои тест, такмил додани тестҳо аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил аз он ҷумлаанд. Пас аз таҳияи матритсаи тест барномаи имтиҳон ё санҷиш (Барномаи имтиҳони ҳар фанро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад) таҳия мегардад, ки дар он мақсади имтиҳон аз фанни таълимӣ, талабот нисбат ба дониш ва малакаю маҳорати хонандагон, шумора ва навъи саволу масъалаҳои тест, меъёри холгузорӣ ва вақти иҷрои тест шарҳ дода мешавад.

Дар асоси матритсаи тест саволу масъалаҳо таҳия гардида, баъдан таҳрир ва ташхис (тақриз) ва зимни он дурустии саволу масъалаҳо, мувофиқати онҳо ба матритсаи тест, дурустии калидҳо бори дигар санҷида мешавад. Пас аз он ки саволу масъалаҳои ба матритса мувофиқ таҳриру ташхис гарданд, онҳо дар якчанд гуна (вариантҳо) барои озмоиш ва корбарӣ дар имтиҳон интихоб карда мешаванд. Саволу масъалаҳои тестӣ аз ҳар фанни таълимӣ ба забони русӣ низ тарҷума карда мешаванд

Шаффофият ҳангоми баргузории имтиҳонҳо дар ҳадди камол риоя мегардад. Ҷараёни имтиҳонҳо дар синфхонаҳо тавассути камераҳои назоратӣ сабт ва намоиш дода мешавад, ки волидону наздикони довталабон онро дар толори махсуси ҷиҳозонидашуда метавонанд мустақиман мушоҳида кунанд. Рафти имтиҳонро маъмури имтиҳон – шахси омӯзишдида тибқи талаботи муқарраршуда назорату идора мекунад. Ӯ лаҳзае ҳам чашмашро аз довталабон намеканад ва рост истода ҷараёни имтиҳонро назоратгар мешавад. Дар як синфхона то 15 нафар имтиҳонсупоранда ва дар паси ҳар як миз якнафарӣ мешинанд. Ин талабот барои халалдор нашудани ҷараёни имтиҳон ва ба ҳамдигар ёрӣ надодани довталабон муқаррар гардидааст. Дар варақаи ҷавобҳо, ки онҳо баъд аз имтиҳонҳо намогирӣ (сканер) карда мешаванд, ному насаби довталабон ва маълумоти дигари мансуб ба онҳо нишон дода намешавад. Ному насаби довталабон дар варақаҳо рамзӣ кунонида мешаванд, яъне дар онҳо на маълумоти ошкорову бармало, балки танҳо штрихкодҳо мавҷуданду бас.

Худи ҳамон рӯзи баргузории имтиҳонҳо ҷавобҳои дуруст (калидҳо)-и саволу масъалаҳо дар сомонаи Марказ ва баъдтар натиҷаи имтиҳонҳои довталабон – акси варақаи ҷавобҳо дар кабинети инфиродияшон гузошта мешавад. Ҳар як довталаб бо дастрасӣ ба шабакаи Интернет, кабинети инфиродияш ва ин калидҳо холҳои аз имтиҳон бадастовардаашро худаш бевосита ҳисоб карда метавонад. Касе ба кабинети инфиродии довталаб, ба ҷуз ӯ, дастрасӣ надорад ва ба натиҷаи имтиҳонҳояш таъсиргузор буда наметавонад.

Дар низоми ИМД ба ҳар як довталаб аз ҷониби Марказ 3 маротиба ба рақами телефони мобилие, ки онро довталаб ҳангоми сабти ном карданаш қайд мекунад, паёмаки ройгон (SMS) равон мекунад: бори аввал баъди омода гардидани даъватномаи довталаб ба ӯ оид ба фиристодани ин ҳуҷҷат ба макони таъйиншуда ва нашри гунаи электронии он дар кабинети инфиродияш хабар фиристода мешавад. Бори дувум дар бораи ба озмуни тақсимот роҳ ёфтан ё наёфтани довталаб, инчунин, дар бораи холҳои аз субтестҳои дахлдор бадастовардааш ва бори сеюм дар бораи тақсимот шудан ё нашудани имтиҳонсупоридагон ба муассисаҳои таълимии интихобкардаашон паёмаки телефонӣ равон мегардад.

Довталабон дар ҳолати норозӣ будан аз рафти баргузории имтиҳонҳо ва ё натиҷаи онҳо ҳуқуқ доранд, ки дар ин хусус аризаи эътирозӣ навишта, ба Марказ пешниҳод кунанд. Ҳеҷ яке аз чунин аризаҳо бепосух намемонанд ва ҳар яки он ҳатман аз ҷониби ҳайати комиссияи масъул, ки Марказ таъсис медиҳад, одилона баррасӣ ва натиҷагирӣ карда мешавад.

Ба гурӯҳи муайяни довталабон (ятимону бепарасторон, маъюбон, ғолибони олимпиадаю фестивал ва озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва ғайра) баъди холҳои гузаришро соҳиб гардиданашон аз субтестҳо дар асоси шарту талаботи муқарраршуда имтиёзҳо дода мешавад. Ин имтиёзҳо дар шакли балҳо (аз 50 то 150 бал) ба ҷамъи умумии балҳои аз имтиҳонҳо бадастовардаи довталабон илова карда мешавад. Ҳангоми баргузории имтиҳонҳо барои довталабони имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд (маъюбон, нобиноён ва ғайра) дар марказҳои имтиҳонӣ шароити созгор муҳайё мегардад.

Раванду марҳилаҳои баъдинаи ИМД ҳам бо корбарӣ аз усулу равишҳои самарабахшу замонавӣ ва фановарии навин – бе таъсири омилҳои инсонӣ амалӣ мегардад, ки ин барои таъмини принсипҳои шаффофияту адолат мусоидат мекунад. Чунин усули корбарии Марказ ва таъмини принсипҳои мазкур, бартариҳои зиёди низоми ИМД нисбат ба низоми куҳнаи имтиҳонсупорӣ, комёбиҳои назарраси Марказ эътимоди ҷомеаро нисбат ба он хеле афзуд. Ин аст, ки бо дархосту

хоҳишҳои зиёди раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор кардани олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ дар байни хонандагони кишвар низ чанд сол аст, ки тавассути ин ниҳод ба роҳ монда мешавад. Яъне, абзори арзёбии объективонаву одилонаи дониши довталабон, ки тавассути Марказ татбиқ мегардад, кунун соҳибэътибор ва сазовори эътимоди ҷомеа гаштааст.

Марказ робитаи наздик ва доимиро бо ҷомеа, бахусус бо довталабон, нигоҳ медорад ва ин алоқаро сол то сол қавитар мегардонад. Дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бахшҳои Марказ таъсис дода шудааст, ки теъдоди онҳо сол то сол меафзояд ва кормандони бахшҳои мазкур бо ҷомеа мудом дар алоқаанд ва вазифаҳои худро тибқи уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳадафҳои Марказ иҷро мекунанд. Дар 68 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ ҳар сол аз ҷумлаи намояндагони раёсат ва шуъбаҳои маориф (мудирони кабинетҳои методӣ ва омӯзгорони моҳир), директорон ва муовинони онҳо, роҳбарони синфҳои болоӣ ва омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ тренерон омода гардида, ҳуқуқ пайдо мекунанд, ки дар минтақаҳояшон оид ба низоми ИМД ва фаъолияти Марказ таблиғу ташвиқот баранд. Дар шаҳру ноҳияҳои кишвар барои омӯзгорон семинарҳои омӯзишӣ ташкил карда шуда, дар асоси озмун кормандони муваққатӣ – роҳбарон ва ёварони роҳбарони марказҳои имтиҳон, маъмурони калон ва маъмурони имтиҳон интихоб мегарданд.

Шумораи шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо нуқтаҳои доимӣ ё сайёри бақайдгирӣ ташкил дода мешавад, сол ба сол меафзояд. Соли 2019 дар 31 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ 36 нуқтаи доимӣ ва 27 нуқтаи сайёри бақайдгирӣ ташкил карда шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 8-то зиёд аст. Ҳамчунин, вобаста ба шумораи довталабони барои ширкат дар ИМД номнависшуда ҳамасола миқдори шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо марказҳои имтиҳонӣ таъсис дода мешавад, зиёдтар мешавад. Шумораи шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо чунин марказҳо ташкил шуданд, дар соли равон 18-то аст (бо фарогирии 47 маркази имтиҳонӣ).

Дар низоми иттилоотии Марказ сомонаи расмии он [3] чун дастёри беминнати довталабон ва алоқамандони дигари ИМД барои бештар дастрас кардани маълумоти тавзеҳӣ нақши барҷаста дорад. Ин сомона пайваста фаъол буда, дар он вобаста аз ҳар як раванду марҳалаи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва фаъолияти Марказ мунтазам маълумоти барои алоқамандони ИМД зарурӣ ҷой дода мешавад. Дар сомонаи Марказ довталабон ва дигарон метавонанд бо дастури иттилоотию методии "Роҳнамои довталаб" [6], рӯйхати муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ихтисосҳое, ки дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯйи онҳо таълим дода мешавад ва нақшаи қабули онҳо,

маҷмӯаҳои тестҳо (дар ИМД-и солҳои пешина истифодашуда), барномаи имтиҳони ҳар фанни таълимӣ, эълонҳо ва ғайра шинос шаванд. Тамоми маълумоти зарурии марбут ба ИМД-ро аз он метавон бевосита дарёфт ва истифода кард. Бахусус дастури иттилоотию методии "Роҳнамои довталаб" [6], ки Марказ бо мақсади роҳнамоии довталабон ва дигар алоқамандони ИМД чоп ва дастраси хонандагон гардонида, ҳамчунин гунаи электронияшро дар сомона мегузорад, дар бораи низоми ИМД маълумоти мукаммалу мушаххас медиҳад.

Бояд таъкид кард, таҷрибаи кор бо довталабон дар марҳалаҳои пас аз бақайдгирӣ нишон медиҳад, ки, мутаассифона, довталабон ва алоқамандони дигари низоми ИМД маводди иттилоотии дар шакли чопию электронӣ ба онҳо пешниҳодшударо намеомӯзанд. Чунончи, буклети "Ёддошт барои довталаб"-ро, ки ҳамагӣ як варақ асту иттилооти зарурии дар бораи раванду марҳалаҳои пас аз бақайдгирӣ барои иштирок дар ИМД дар бар гирифта, ба ҳар яки онҳо ҳангоми аз қайд гузаштанашон ройгон дода мешавад ва ҳатто варақаи бақайдгириро баъзе аз довталабон ва падару модарони онҳо боре ҳам мутолиа намекунанд. Маҳз чунин довталабон дар марҳалаҳои баъдӣ ба иштибоҳ роҳ медиҳанд. Вобаста ба ин, омӯзгорони муассисаҳои таълимиро, ки ҷиҳати баргузории курси омӯзиши низоми ИМД барои хатмкунандагон вазифадор мегарданд, зарур аст, то ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода, дар бораи маводду матлабҳои иттилоотӣ, бахусус дастури иттилоотию методии "Роҳнамои довталаб" [6], "Ёддошт барои довталаб" ва варақаи бақайдгириро ҳатман мутолиа кардани онҳое, ки дар ИМД иштирок кардан мехоҳанд ва волидони онҳо, такроран таъкид кунанд.

Дар сомонаи Марказ, инчунин, саҳифаи махсуси саволу ҷавобҳо мавҷуд аст. Довталабон ва шахсони дигар дар ин бахш дар бораи ҳар масъалаи ба Марказ дахлдор суол дода, посухи онро дарёфта метавонанд. Ба суолҳо кормандони масъули Марказ ҷавобҳои дақиқу мушаххас медиҳанд. Телефонҳои Марказ низ барои таъмини алоқа бо ҷомеа ҳамарӯза фаъол аст, ки тавассути онҳо алоқамандон бо маъмурияти муассиса тамос гирифта метавонанд. Инчунин, дар бинои Марказ қабули ҳамарӯзаи шаҳрвандон роҳандозӣ гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки Марказ ҳамаи маводду матлабҳои иттилоотию методии таҳиякардаашро дар шакли чопӣ тавассути раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ба ҳамаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии асосӣ, миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҷумҳурӣ ройгон дастрас гардонида, гунаи электронии онҳоро дар сомонаи муассиса ҷой медиҳад. Аз ҷумла дастури иттилоотию методии "Роҳнамои довталаб" [6], соли ҷорӣ 19000 нусха (18 000 нусха бо забони

тоҷикӣ ва 1 000 нусха бо забони русӣ), 12 номгӯй маҷмӯаи саволу масъалаҳои тест 182 500 нусха (аз ҷумла, 180 000 нусха бо забони тоҷикӣ ва 2500 нусха бо забони русӣ), барнома ва модули курси омӯзиши низоми ИМД 3 150 нусха, дискҳо бо маводди иттилоотию методӣ 3150 дона омода ва дастраси муассисаҳои таълимӣ гардонида шуд.

Марказ бо фаъолияти пурсамараш, шаффофу одилона баргузор кардани имтиҳонҳои дохилшавӣ ва олимпиадаҳои фаннии ҷумҳуриявӣ ба сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ низ таъсири мусбат расонид. Дар асоси маълумоти оморӣ – натиҷаҳои бадастовардаи довталабон дар ИМД ба ҳукуматҳои вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод карда шуда, дар ин замина таъсири бозгаштии он муайян карда хоҳад шуд, ки ин барои натиҷагирӣ кардан аз рӯйи он ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мусоидат мекунад. Вобаста ба масъалаи таъсири бозгаштӣ (фидбек)-и натиҷаҳои ИМД Марказ ҳамасола таҳлилҳои омории натиҷаҳои имтиҳонҳои мазкурро аз рӯйи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мувофиқи як қатор нишондиҳандаҳо: холи гузариш, холи имконпазири ҳадди аксар, холи ҳадди аксар, сифати азхудкунӣ, холи миёна, маълумот оид ба раванду марҳалаҳои гуногуни ИМД дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ (аз бақайдгирӣ то озмуни тақсимот), миқдори довталабони ба озмуни тақсимот роҳёфта ва ба муассисаҳои таълимӣ тақсимотшуда (минҷумла аз рӯйи теъдоди духтарон ва писарон) тибқи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо ва ғайра анҷом медиҳад ва барои ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо сари вақт дастрас кардани онҳо чораҷӯӣ мекунад.

Марказ дар ҳамкорӣ бо созмонҳои таҳқиқотии байналмилалӣ (аз ҷумла, GIZ – Ҷамъияти олмонии ҳамкории байналмилалӣ, Ассотсиатсияи авруосиёии арзёбии сифати таҳсилот (Евразийская ассоциация оценки качества образования), USAID (Anglia Assestment) дар озмоишу тадқиқотҳои байналмилалӣ оид ба арзёбии сифати таҳсилот ва воситаҳои арзёбӣ/тестҳо ширкат варзида, ба ин васила барои муайян кардани дастовардҳои таълимии хонандагон, ҷамъоварии маълумот оид ба натиҷаҳои он (барои таҳлилу омӯзиш), таҳлили оморию психометрии натиҷаҳои ин гуна пажӯҳишҳо саҳмгузор мешавад, ки ин, дар навбати худ, барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим мусоидат мекунад.

Маркази миллии тестӣ ҳамчунин, дар конфронсҳои байналмилалие, ки ба сатҳу сифати таҳсилот ва масъалаҳои илму маориф бахшида мешаванд, иштирок карда, худ низ ҷиҳати ташкилу баргузории чунин конфронсу семинару вебинарҳо ташаббускор

мешавад. Чунончи, бо ташаббуси Марказ 19-ум-20-уми октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ таҳти унвони “Арзёбии сифати таҳсилот дар зинаҳои гуногун” муштаракан бо Ассотсиатсияи авруосиёии арзёбии сифати таҳсилот (бо дастгирии Барномаи россиягии ҳамкорӣ дар соҳаи маориф бо мақсади рушд) гузаронида шуд. Дар конфренсияи мазкур масъалаҳои арзёбии сифат дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (ибтидоӣ, миёнаи умумӣ ва миёнаю олии касбӣ), омилҳои таъминсозандаи ягонагии арзёбии сифати таҳсилот, аҳаммияти таъмини ин ягонагӣ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар он мутахассисон, коршиносон ва муҳаққиқон дар соҳаи арзёбии сифати таҳсилот аз Федератсияи Россия, ИДМ ва хориҷи дур ширкат карданд. Яке аз ҷаласаҳои он дар шакли мизи мудаввар ба мавзӯи “Фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: комёбиҳои асосӣ ва нақши Марказ дар арзёбии сифати таҳсилот” бахшида шуд.

Барои бақайдгирии довталабон ва ташкилу баргузории ИМД Марказ дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ кормандони муваққатиро барои муҳлатҳои муайян бо шумораи зарурӣ ба кор ҷалб менамояд. Кормандони муваққатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Марказ дар асоси озмун баъд аз омӯзиш ва санҷиш интихоб карда мешаванд [7]. Шумораи зиёди чунин кормандон ҳар сол барои корҳои иттилоърасонӣ ва фаъолияти Марказ дар самтҳои дигар ҷалб карда мешаванд. Аз ҷумла, бо дарназардошти марҳалаҳои иловагии бақайдгирӣ, даври иловагии имтиҳонҳо, азнавбақайдгирӣ барои тақсимоти такрорӣ ва олимпиадаҳои фаннӣ соли 2018 Марказ бо 3126 нафар, ки аз он 2256 нафарашон занон ва 870 нафарашон мардон буданд, барои иҷрои кори муайян шартномаҳои меҳнатӣ баста, онҳоро бо маоши баланд таъмин гардонид. Марказ, дар баробари андешидани чораҳои зарурӣ барои дастрасии бештари довталабон ба таҳсил ва осон кардани кори онҳо, вобаста аз имкониятҳо шумораи ҷойҳои кори муваққатиро дар нуқтаҳои бақайдгирӣ ва марказҳои имтиҳонии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сол аз сол афзоиш дода истодааст. Ин боз як ҷанбаи мусбат ва назарраси фаъолияти Марказ ҷиҳати дастгирии иҷтимоии аҳолӣ ва беҳбуди вазъи иқтисодии он ба ҳисоб меравад.

Низоми имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тавассути Марказ, дар баробари умумияти асосӣ доштан бо низомҳои дигар, хусусиятҳои махсуси худро соҳибанд ва аз ҷиҳати қолаб ва мундариҷаи маводди имтиҳон, усули ташкил ва баргузории имтиҳонҳо, вақт ва макони баргузории имтиҳонҳо, бехатарии иттилоот, низоми баҳодиҳӣ, коркарди натиҷаҳои имтиҳонҳо, тақсимоти довталабон ва дастрасии иттилоот аз низоми

куҳнаи имтиҳонҳои дохилшавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомҳои дар мамлакатҳои дунё амалкунанда фарқ дошта, дорои вижагии миллӣ аст. Бинобар ин ва дигар аҳаммияту хусусиятҳои низоми ИМД, тобеияти идораи мақоми имтиҳонгиранда – Марказ на дар назди ягон вазорату мақомот, балки дар назди Президенти Ҷумҳурӣ таъйин гаштааст.

Хулласи калом, орзуҳои ҷавонони кишвар дар бобати одилона ва аз рӯйи донишу маҳорати хеш донишҷӯй гардидан ва нақшаю ҳадафҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати маориф ва илми кишвар барои ташкил ва таъсиси низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ натиҷа доданд: Маркази миллии тестӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид ва дар як муддати кӯтоҳ бо фаъолияти босамару шаффофу комилан одилонааш ҳусни таваҷҷуҳи мардуми кишварро нисбат ба худ афзуд ва Сарвари давлат ҳам ба он баҳои баланд дод. Воқеан, он шароит ва осонию сабукиҳое, ки Марказ барои довталабон муҳайё кард, 10 сол пеш касе ҳатто дар гӯшаи хаёл ҳам намеовард. Дар ҳақиқат, шодию хурсандии довталаберо, ки ба воситаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиҳон супорида, баъди он, масалан, ба ин мазмун ба телефонаш паёмак меравад: “Шумо аз рӯйи интихоби якум, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, ихтисоси “кори табобатӣ”, шуъбаи рӯзона, ройгон тақсимот шудед” (яъне танҳо бо донишу маҳорати худ, бе ягон восита аз рӯйи ихтисосу мактаби дилхоҳаш донишҷӯй шудааст) кӣ тасаввур карда метавонад?

## АДАБИЁТ


1. Ввеведение в классическую и современную теорию тестов: учебник / Линда Крокер. Джеймс Алгина. Перевод с англ. на русский язык Н. Н. Найденовой, В. Н. Симкина, М. Б. Челишковой. – М.: Логос, 2010. – 668 с.
2. Кабинети инфиродӣ [манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасгардонӣ: http://cabinet.ntc.tj/ (танҳо барои довталабон 3 рӯз пас аз бақайдгирӣ фаъол гардида, то моҳи октябр дастрас аст).
3. Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасгардонӣ: http://ntc.tj
4. Пешномнависӣ [манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасгардонӣ: http://prereg.ntc.tj (танҳо дар давраи бақайдгирӣ ва як ҳафта пеш аз он фаъол аст).

5. Раҳмон Эмомалӣ. Суханронӣ бахшида ба Рӯзи дониш ва 70-солагии таъсиси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ [манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасгардонӣ: http://www.president.tj
6. Роҳнамои довталаб: Дастури иттилоотию методӣ. – Душанбе: Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2019. – 220 с.; ҳамин маъхаз [манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасгардонӣ: http://ntc.tj/tj/ba-dovtalab/rohnamoi-dovtalab/791-rohnamoi-dovtalab-2019.html
7. Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018, № 81 тасдиқ шудааст.
8. Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми августи соли 2015, № 494 тасдиқ шудааст.
9. Худро бисанҷ [манбаи электронӣ]. – Тартиби дастрасгардонӣ: http://onlinetest.ntc.tj/